ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

1. Аҳамият ва зарурати ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои хонандагон муайян мекунанд, қобилияти ташаккул додани раванди мустақилонаи ҷустуҷӯ, гузаронидани таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалиёти гуногун барои коркард, ба низом даровардан, ҷамъбасткунӣ ва ба кор бурдани маълумоти бадастовардаи худи толибилм қайд карда мешавад.

Муассисаи томактабӣ бояд ба талабагон имконият фароҳам оварад, ки ихтироъ кардан ва гузаронидани таҳқиқот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд, пас зарур аст мураббӣ-омӯзгор бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои сохтани фазои инфиродии таълимӣ талош варзад.

Масъалаи ташаккули шароитҳои ташкилию педагогӣ ва модели ташаккул ва баҳодиҳии салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии бачагони синни томактабии калонсол дар муассисаҳои томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ шуда, аҳамияти таҳқиқоти мазкурро муайян мекунад.

Аҳамияти кори илмию таҳқиқотии пешниҳодшуда дар он аст, маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ роҳи нави таҳқиқотро мекушояд ва ба рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон замина мегузорад. Маводи диссертатсияро метавон ҳамчун василаи таъминоти методӣ барои рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намуд.

Диссертатсия тибқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Диссертатсия дар кафедраи педагогика ва психологияи томактабии факултети психология ва таҳсилоти томактабии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи муштараки кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 14.12.2023, №5).

Дар хулосаи кафедраи педагогика ва психологияи томактабӣ ва кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба диссертатсия баҳои мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори таҳқиқотӣ интихоби усулҳои муосири рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ баррасӣ шудааст, ки имкон медиҳад, робитаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмуну муҳтаво, шаклҳои ташкили таълим ва усулҳои таълим муайян ва муқаррар карда шавад.

2. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо асоснокӣ ва саҳеҳии усули методологӣ ва назариявӣ, истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам вобастаи таҳқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ ва вазифаҳои таҳқиқот комилан мутобиқанд, мувофиқати муқаррароту хулосаҳои назариявӣ, кофӣ будани сарчашмаҳои истифодашуда, гузаронидани таҳқиқоти озмоишии мувофиқ дар шароити хонавода, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир, асоснокии истифодаи усулҳои озмоишӣ ва маълумотӣ дар натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада таъмин мегардад, амалӣ гардад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз ҷумла ба банди 1 - «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқоти

педагогӣ), банди 6 - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқарраароти диссертатсия дар 16 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустакилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад.

в) ба сифати муқарризони расмӣ:

Ба сифати муқарризони расмӣ **Юнусова Нафисахон Муродовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Қурбонова Гулрӯ**

**Абдуалимовна** - номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва миёнаи умумии филиали “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Душанбе таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ Каримзода М.Б.

Аъзоёни комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор Иззатова М.И.
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Обидова М.И.

15.06.2024

Имзои Каримзода М.Б., Иззатова М.И., Обидова М.И.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.